# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.01.2025, № 80

Барои сазовор донистани Раҳимӣ Миҷгона Раҳим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, тахти № 23) ) 8-уми ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 70 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимӣ Миҷгона Раҳим 9-уми марти соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2010 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улулғзода)-ро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз 04.09.2020 то 17.12.2024 ба ҳайси директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор» фаъолият намуда, аз 17.12.2024 то ин замон ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ-истеҳсолии Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор» мебошад.

Раҳимӣ Миҷгона Раҳим солҳои 2015-2018 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода**.

**Муқарризони расмӣ: Нуров Нуралӣ Норович**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва **Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа**, номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таъихи адабиёт Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Элбоев Вафо Ҷӯрақулович ва котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Раҳимӣ Миҷгона Раҳим дар мавзуи «Таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол (дар заминаи ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим)» ба талаботи бандҳои 31, 33-35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ, хусусан, шеършиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои зан-модар дар ашъори Муъмин Қаноат / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6-1 (101). – С. 267-273.

[2-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири зан-модар дар шеъри Раҳмат Назрӣ / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – № 2 (46). – С.123-129.

[3-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои зан дар ашъори Фарзона / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – № 1 (49). – С. 171-179.

[4-М]. Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри Фарзонаи Хуҷандӣ / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, 2023. – № 2 (103). – С. 122-131.

[5-М]. Раҳимӣ, М.Р. Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони Истиқлол дар тасвири симои зан-модар (дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ / М.Р. Раҳимӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – № 3 (104). – С. 145-150.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Каримова, М. (Раҳимӣ, М.Р.) Истифодаи орояҳои адабӣ дар ашъори ба васфи зан-модар бахшидаи адибони муосири тоҷик / М. Каримова (М.Р. Раҳимӣ) // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафӣ. – Душанбе, 2017. – №2-3 (26-27). – С.68-75.

[7-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасври зан-модар дар шеъри Муъмин Қаноат / М.Р. Раҳимӣ // Анвори дониш (Маводи конференсияи апрелии устодони кафедраи забони тоҷикӣ бахшида ба «Рӯзи дониш»). – Душанбе, 2021. – С. 74-82.

[8-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири образи модар дар шеъри шоирони муосири тоҷик / М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ

дар мавзуи «Лоиқ Шералӣ ва таҳаввули шеъри муосири тоҷик» бахшида ба 80-солагии Лоиқ Шералӣ. – Душанбе, 2021. – С. 225-231.
[9-М]. Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. С. Айнӣ ва суннати адабии тавсифи зан дар адабиёти муосири тоҷик / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд (Маводи конференсияи апрелии устодони кафедраи назарияи ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ). – Душанбе, 2022. – С. 134-138.
[10-М]. Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри шоирони насли сеюми замони Истиқлол(дар заминаи ашъори Озар Салим) / М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистирантон ва донишҷӯёни ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода тахти унвони «Нақши фанҳои гуманитарӣ ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди босуботи ҷомеа». – Душанбе, 2023. – С. 194-200.
[11-М].Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Образи модар дар ашъори Фарзона / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Мероси Шарқ. – Душанбе, 2023. – №3 (5). – С. 115-127.
[12-М].Исрофилниё, Ш.Р., Раҳимӣ, М.Р. Тасвири симои модар дар шеъри Фарзона / Ш.Р. Исрофилниё, М.Р. Раҳимӣ // Маводи конференсияи байналмилаллии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюли рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 580-592.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шарифзода Боймурод Бобопур** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант се эрод манзур шудааст:

1. Муҳаққиқ масъалаи занситезиро дар адабиёти асримиёнагӣ ба миён гузошта, онро ба адабиёти араб пайванд медиҳад. Аммо агар некӯ назар андозем, аз се мактаби фикрии пешазисломӣ, ки осораш дар адабиёти классикии мо мавҷуд аст, яке мактаби фикрии Монӣ мебошад. Монӣ тани одамиро сарчашмаи бадиҳо мешумурд, ки инсонро ба майлу хоҳишҳо водор мекунад. Занро зодаи Аҳреман медонист, ки фарзанд ба дунё меорад ва зану фарзанд дилбастагиро ба дунё ҳосил мекунанд. Баъдтар, тавре муҳаққиқон менависанд, таълимоти Монӣ ба бисёр кишварҳои дунё паҳн гардид.

2. Дар девони Хоқонӣ илова бар он чи ки диссертант овардааст қасидаҳои олиии дигаре дар ситоиши зан-модар ҳастанд, ки аз нигоҳи баён хеле муассиранд. Масалан, ду марсияе, ки ӯ дар рисои ҳамсараш, яке бо матлаи

Бе боғи рухат ҷаҳон мабином,
Бе доғи рухат равон мабином. (Девон, саҳ.306-307).

Ва дигар қасидае бо матлаи зер:

Бас вафопарвард ёре доштам,
Бас ба роҳат рӯзгоре доштам. (Девон, саҳ,307-308).

Бо як сӯзу дарди хос суруда шудаанд, ки аз ҷониби хоқонишиносон баҳои баланд гирифтаанд.

3. Агар диссертант аз назарияи накди феменистӣ, ки ба тоаври куллӣ ба масоили занон (ба маънои васеаш) таваҷҷуҳ дорад, огоҳӣ медошт, ҷанбаи илмии диссертатсия қавитар мегашт.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон **Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович** мусбат буда, муқарриз барои такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба инобат гирифтани эроду пешниҳодҳои зеринро ба манфиати кор медонад:

1. Дар бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» ба 38 адабиёти илмӣ ишора гардида, дар поварақи саҳифаҳои 3-5 оварда шудаанд. Ба назари мо, дар поварақи автореферат ҷой додану манзури хонанда намудани онҳо зарурат надошт.

2. Баъзан дар автореферати диссертатсия талабот ва муқаррароти «Қоидаи имлои забони тоҷикӣ» ( саҳ. 5, 7, 9, 18, 22) риоя нагардидааст.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур **Забирова Мехриниссо Элбеговна** низ мусбат буда, дар он як пешниҳод ироа шудааст: «Дар автореферат бештар унвони шеърҳо ва суроғаи нашри онҳо зикр мешавад. Хуб мебуд, ки дар автореферат шоҳидҳои шеърӣ бештар оварда мешуд. Ин амал метавонист арзиши илмии автoрефератро баландтар бардорад».

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич** мусбат буда, дар он эрод ба назар намерасад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Раҳимӣ Миҷгона Раҳим бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озари Салим ба омӯзиши таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси ашъори шоирони даврони Истиқлол, хусусан, Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озари Салим анҷом ёфта, ашъори шоирон дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд.** Илова бар ин, барои таъини сайри таърихии тасвири симои зан-модар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ осори бозмондаи адабиёти аҳди бостон, осори назмию насрии суханварони асрҳои миёна, ашъори шоирони муосири тоҷик **мавриди истифода қарор гирифтаанд;**
- дар диссертатсия бори нахуст таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол ба таври монографӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, заминаҳои ташаккулу таҳаввули мавзуъ **муайян гардидааст**;
- мавқеи зан-модар дар ҷомеаи ақвоми ориёӣ бо такя ба муҳимтарин сарчашмаҳо **муайян гардида,** бозтоби он дар осори адабии аҳди бостон **нишон дода шудааст;**
- мақому манзаллати зан дар Қуръон ва аҳодиси набавӣ **таъин шуда**, сабабҳои занситезию пасту заиф шуморидани зан дар ҷомеаи асримиёнагӣ ва бозтоби он дар адабиёти ин давра бо далоили илмию шавоҳиди шеърӣ **собит гардидааст**;
- ороёҳои ҳунарӣ дар тасвирҳои шоирона ва завқи зебоишинохтии шоирони замони Истиқлол ҳангоми тасвири симои зан-модар бо далелҳои илмӣ ва шоҳидҳои шеърӣ **исбот шудаанд**.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад,** ки масъалаи зан-модар дар ҷаҳони муосир на танҳо баҳси илми адабиётшиносӣ, балки аз ҷумлаи масоили таҳқиқу баррасишаванда дар илмҳои мардумшиносӣ, ҷомеашиносӣ, таърихшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва илмҳои дигар низ мебошад. Аз сӯйи дигар, шеъри тоҷикӣ дар замони Истиқлол ҳам аз ҷиҳати мавзую муҳтаво ва ҳам аз лиҳози шакл хеле густариш ёфта, масъалаҳои зиёде ба миён омаданд, ки ҳалли ногузири худро талаб доранд ва яке аз ин масъалаҳо таъини мақоми зан-модар дар ҷомеа ва бозтоби он дар адабиёт мебошад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқро метавон дар навиштани

таърихи адабиёти тоҷик, алалхусус, адабиёти замони Истиқлол, китобҳои дарсӣ, курсу семинарҳо аз рӯйи ихтисос барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон доир ба тасвирҳои шоиронаву образҳои шеърӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ ҳангоми навиштани китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик» барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ёрӣ расонида метавонанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла В.Г. Белинский, Э.Е. Шаталов, М.Ю. Лотман, Д.С. Лихачёв, М. Шакурӣ, Ш. Кадканӣ, С. Табаров, А. Сатторзода, Р. Мусулмониён, Х. Асозода, Ю. Акбарзода, А. Ҳакимов, А. Абдусатторов, М.Футуҳӣ, Ф. Абдуллоҳ, А. Қазва, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, У. Сафаров, М. Нарзиқул, Ш.Р. Исрофилниё ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавию таърихӣ, матншиносӣ, қиёсию татбиқӣ, оморӣ ва дастовардҳои ҷадиди адабиётшиносии муосири тоҷик ва ҷаҳон истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба шеъри замони Истиқлол ва масъалаи таҳаввули тасвири зан-модар дар адабиёти ин давра метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи шеъри замони Истиқлол, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти замони Истиқлол, махсусан, эҷодиёти Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ, Озар Салим ва таъини арзишҳои ҳунарию адабии ашъори шоирони дигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо боэътимод буда, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии

кор, муқарраroти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷӯстуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи илмию адабӣ роҷеъ ба шеъри замони Истиқлол ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои бадеии тасвири симои зан-модар дар адабиёти ин давра мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи таҳаввули тасвири симои зан-модар дар шеъри замони Истиқлол дар мисоли ашъори Раҳмат Назрӣ, Фарзонаи Хуҷандӣ ва Озар Салим, муайян сохтани арзишҳои адабӣ ва ҳунарии ашъори шоирони зикршуда, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23-юми январи соли 2025 дар бораи сазовор донистани Раҳимӣ Миҷгона Раҳим ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

23.01.2025.